**ШАРТНОМА ОИД БА ҲАМКОРӢ**
**байни Ҷамъияти саҳомии пушидаи “Спитамен Бонк”**
**ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ш. Душанбе** Nob **«01» 06 2021 с.**

Ҷамъияти саҳомии пушидаи “Спитамен Бонк” дар симои Раиси Раёсат – Самандарзода Н., ки дар асоси Оинннома амал менамояд (минбаъд – Бонк), аз як тараф ва Донишгоҳи милии Тоҷикистон дар симои Ректор Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт, ки дар асоси Оиннома амал менамояд (минбаъд – Донишгоҳ), аз тарафи дигар, ки дар якҷоягӣ минбаъд “Тарафҳо” номида мешаванд, шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин ба имзо расониданд.

## 1. МАВЗУИ ШАРТНОМА

1.1. Мавзуи Шартномаи мазкур ташкил ва инкишофи муносибатҳои мутақобилан судманд дар соҳаи маориф ва илм байни Тарафҳо мебошад.
1.2. Баррасӣ намудани имконияти ба барномаи таълимии Донишгоҳ ворид намудани фанни таълимӣ дар асоси дастури таълимии “Саводнокии молиявӣ” (муаллиф: Ҳикматов У.С.).
1.3. Аз тарафи Бонк пешниҳод гардидани барномаи таълимӣ аз фанни “Саводнокии молиявӣ” дар асоси дастури таълимӣ “Саводнокии молиявӣ” (муаллиф: Ҳикматов У.С.).
1.4. Расонидани кӯмаки техникӣ аз тарафи Бонк, дар намуди пешниҳоди воситаи таълимии “Саводнокии молиявӣ” (муаллиф: Ҳикматов У.С.) ба миқдори аз ҷониби Тарафҳо қайду шартшуда.

## 2. САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРӢ

Тарафҳо ҳамкориро аз рӯи самтҳои асосии зерин инкишоф медиҳанд:
2.1. Мубодилаи иттилоот ва таҷриба доир ба саводнокии молиявӣ, фаъолияти методӣ-таълимӣ;
2.2. Ҳамкорӣ байни китобхонаи Донишгоҳ, алалхусус мубодилаи мутақобилаи иттилоот, интишорот, аз ҷумла дар ҳомили электронӣ;
2.3. Ҷалб намудани донишҷӯён барои гузаштан аз таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ. Шумораи донишҷӯён ва мухлатҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар ҳолатҳои зарурӣ бо созишномаҳои алоҳида муқаррар карда мешаванд;
2.4. Истифодаи маводҳо оид ба саводнокии молиявӣ, ки аз тарафи Бонк дар чараёни омӯзиши донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд;

2.5. Таҳияи мутақобилаи васоити методӣ-илмӣ, брошюраҳо ва дигар маводҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ равона гардидаанд.

## 3. АМАЛИ ШАРТНОМА

3.1. Шартномаи мазкур ба муҳлати панҷ сол баста шуда, аз лаҳзаи ба имзо расидани он ба қувваи амал медарояд. Агар ҳангоми ба охир расидани муҳлати амали Шартнома ҳеҷ яке аз Тарафҳо оид ба бекор намудани он муроҷиат накунад, пас он ба таври автоматӣ барои давраи бемуҳлат тамдидёфта ҳисобида мешавад.

3.2. Донишгоҳ кафолат медиҳад, ки бо фаъолияти террористӣ алоқамандӣ надорад ва бо шахсоне, ки ҳаракатҳои онҳо бо маблағгузории фаъолияти террористӣ ё дигар ҳаракатҳои ҷиноятӣ алоқаманд мебошад, робита надорад.

3.3. Донишгоҳ тасдиқ мекунад ва кафолат медиҳад, ки воситаҳои таълимӣ ва маводҳои таълимие, ки аз тарафи ҶСП "Спитамен Бонк" ройгон пешниҳод гардидааст, барои мақсадҳои тиҷоратӣ истифода намебарад.

3.4. Шартнома дар ду нусхаи аслӣ таҳия гардидааст, ки ҳар кадом эътибори якхеллаи ҳуқуқӣ дорад ва якнусхагӣ ба Тарафҳо дода мешавад.

3.5. Тағйиру иловаҳо ба Шартномаи мазкур бо розигии ҳардуи Тарафҳо тавассути тартиб додани созишномаҳои иловагӣ таҳия мегарданд, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб мераванд.

## 4. СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО

| | |
|---|---|
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,<br>734025. ш. Душанбе,<br>хиёбони Рудакӣ 17.<br>Тел: (+992 37) 221-77-11<br>Факс: (+992-37) 221-48-84<br>Почтаи электронӣ: tgnu@mail.tj<br>Ректор Донишгоҳ<br><br>Ректор ________________ | ҶСП "Спитамен Бонк"<br>ш.Душанбе, н.Сино, кучаи Шамсӣ-4<br>Тел: (+992 44) 600-35-91<br>РЯМ 0210002650<br>РМА 020026745<br><br><br>Раиси Раёсат ________________ |